**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович дар мавзӯи “Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – молия, муомилоти пул ва қарз**

Имрӯз пардохт, яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини рушди устувори иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Барои таъминоти мувозинати иқтисодӣ пардохти ғайри нақдӣ фишанги асосии таъминкунанда ва рушд ба ҳисоб меравад. Умуман низоми пардохти миллӣ ва намудҳои он дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти кишвар барои тадбиқи барномаҳои давлатӣ, аз он ҷумла Барномаи саноатикунонии иқтисодиёти кишвар заминаи боэътимод мегузорад. Аз ин нуктаи назар мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ Ҳалимов И.М. актуалӣ ва саривақти мебошад.

Муаллиф дар автореферат қайд менамояд, ки пардохтҳои ғайринақдии байни шахсони ҳуқуқӣ ва инфиродӣ, имрӯз тақвият меёбад. Яъне, рушди минбаъдаи технологияҳо ва инфрасохтори молиявӣ метавонад ба рақамикунонии низоми муносибатҳои молиявӣ, пулию қарзӣ ва низоми бонкӣ таъсири ҷиддӣ расонида, барои таъмини рақобатпазирӣ ва рушди устувори соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ мусоидат намояд.

Бояд зикр намуд, ки дар тадқиқот аз вобастагӣ ба масъалаҳои ҳалталаби дар пешгузошташуда чунин усулҳои тадқиқот, аз ҷумла иқтисодӣ-оморӣ, абстрактӣ - мантиқӣ, монографӣ, таҳлили оморӣ, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғайра истифода бурда шуданд: Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулосаҳо, тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии пардохти миллӣ пешниҳод гаштаанд. Инчунин, пояи назариявии таҳқиқоти мазкур метавонад, ҳамчун замина ҳангоми коркарди механизмҳои тадбиқӣ он амалӣ гардонида шавад.

Дар баробари оне, ки автореферат ҷаҳатҳои мусбиро дорост, инчунин як қатор камбудиҳо ба назар мерасанд.

Якум, дар саҳифаи 14-уми автореферат расми 2 алгоритми фаъолияти субъектҳои низоми пардохти миллӣ ва амалигардонии ҳадафҳои рушд хуб таҳия карда шудааст, аммо муаллиф хусусиятҳои қисмҳои алгоритми таҳияшударо муфассал баён накардааст.

Дуюм, дар таҳқиқоти илмӣ, муаллиф таъсироти таваррумро ба низоми пардохти миллӣ пайгирӣ накардааст. Зеро омили мазкур таъсироти бевосита ба низоми пардохти миллӣ мерасонад.

Сеюм, дар таҳқиқоти мазкур оид ба идоракунии пардохти миллӣ, ягон фишанг ва ё усули идоракунӣ оварда нашудааст, ҳол он, ки номи мавзуи интихобгардида масъалаи рушди низоми пардохти миллиро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт пайгирӣ менамояд.

Эродҳои мазкур то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мавзуи пайгиршаванда мусоидат менамояд. Бояд қайд кард, ки дар умум автореферати диссертатсияи такризшаванда дар мавзуи мубрам анҷом дода шудааст. Автореферати пешниҳодгардида ба талаботи мукаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ рӯйи ихтисоси и 08.00.07 – молия, муомилоти пул ва қарз мебошад.

Мукарриз:
н.и.и., дотсент, мудири
кафедраи андоз ва андозбандии
Донишгохидавлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав _______________ Холов Т. А.

Имзои А. Т. Холовро тасдиқ мекунам
сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
«ДДБ ба номи Носири Хусрав» _______________ Шукурзод Ҷ. А.